Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҚАРОР
Правительство Республики Таджикистан
ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 25 октябри соли 2022 № 511

ш. Душанбе

bop. 2132
az 01.11.22

Дар бораи Таснифоти миллии тахассусҳо

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

1. Таснифоти миллии тахассусҳо тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳо, иттиҳодия ва ассотсиатсияҳои корфармоён вобаста ба амалисозии Таснифоти миллии тахассусҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд.

3. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсози амалигардонии Таснифоти миллии тахассусҳо муайян карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ
ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Эмомалӣ Раҳмон

ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВОРИДОТ № 4/124
«31» 10 с.20 22

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҚАРОР
Правительство Республики Таджикистан
ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 25 октября 2022 года № 511

ш. Душанбе

О Национальном классификаторе квалификаций

В соответствии со статьей 6 Закона Республики Таджикистан «О подготовке специалистов с учетом потребностей рынка труда» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Национальный классификатор квалификаций (прилагается).

2. Министерствам и ведомствам, объединениям и ассоциациям работодателей принять необходимые меры по реализации Национального классификатора квалификаций.

3. Координатором реализации Национального классификатора квалификаций определить Министерство труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ
ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Эмомали Рахмон

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «25» октябри соли 2022, №511

## Таснифоти миллии тахассусҳо

| Сатҳи тахассусӣ | Ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот ва унвони илмӣ | Натиҷаҳои таълим | | | Талабот ба таҳсилот |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **Донишҳо** | **Маҳорат ва малакаҳо** | **Масъулият ва мустақилият** | |
| 1 | Аттестати таҳсилоти миёнаи асосӣ ё умумӣ, Шаҳодатномаи сатҳи 1 | Донишҳои заминавии умумӣ, аз он ҷумла донишҳо оид ба меҳнат ва раванди меҳнатӣ | Иҷрои вазифаҳои одӣ дар муҳити маълум, тағйир додани фаъолият вобаста аз вазъи меҳнат | Масъулияти шахсӣ дар иҷрои вазифаҳои одӣ. Қобилияти кор кардан ба сифати ёрдамчӣ ё коргари одӣ зери роҳбарӣ | Таҳсилоти миёнаи асосӣ ё умумӣ, дастургирӣ дар ҷойи кор, омӯзиши кӯтоҳмуддат дар ҷойи кор ва ё курсҳои кӯтоҳмуддат дар заминаи муассисаҳои таълимӣ, валидатсияи салоҳиятҳои касбӣ |
| 2 | Шаҳодатномаи сатҳи 2 | Донишҳои заминавии воқеӣ, назариявӣ ва амалӣ, ки зимни тайёрии касбӣ ва мустақилона аз худ карда шудаанд Донишҳо оид ба сарчашмаҳои маълумот, ки барои фаъолияти касбӣ зарур мебошанд | Маҳорат ва малакаҳои заминавии назариявӣ ва амалӣ барои иҷрои вазифаҳо ва ҳалли мушкилот бо истифода аз қоидаҳои одӣ, воситаҳо ва маълумот Интихоб намудани фаъолият тибқи дастурамалҳо | Кор ва омӯзиш зери роҳбарӣ бо ҳиссаи ками мустақилият ва масъулият | Таҷрибаи амалӣ ва ё тайёрии касбӣ (курсҳои кутоҳмуддат дар заминаи муассисаҳои таълимӣ ё омӯзиш дар корхона), валидатсияи салоҳиятҳои касбӣ |
| 3 | Шаҳодатномаи сатҳи 3, дипломи таҳсилоти ибтидоии касбӣ | Донишҳои махсуси назариявӣ ва амалӣ, далелҳо, принсипҳо ва консепсияи умумӣ дар фаъолияти касбӣ ва таълимӣ | Маҷмуи маҳоратҳо, малакаҳои когнитивӣ ва амалӣ барои иҷрои вазифаҳо ва ҳалли мушкилоти касбӣ бо истифода аз усулҳои асосӣ, мавод ва маълумот | Ба дӯш гирифтани масъулияти шахсӣ зимни иҷрои вазифаҳо дар фаъолияти меҳнатӣ ва таълимӣ. Ҳангоми ҳалли вазифаҳо мутобиқ намудани рафтори худ ба вазъияти мавҷуда. Иҷрои мустақилонаи вазифаҳои касбӣ бо истифода аз сарчашмаи донишҳои замонавӣ. Қобилияти кор дар гурӯҳ | Таҷрибаи амалӣ ва тайёрии касбӣ (курсҳо дар заминаи муассисаҳои таълимӣ мувофиқи барномаҳои тайёрии касбии то яксола ё омӯзиш дар корхона). Таҳсилоти ибтидоии касбӣ бе таҷрибаи амалӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4 | Дипломи таҳсилоти ибтидоии касбӣ | Донишҳои васеи амалӣ ва назариявӣ дар соҳаи фаъолияти касбӣ ва таълимӣ | Малакаҳои когнитивӣ (қобилияти дарёфт ва коркарди маълумот) ва малакаю маҳоратҳои амалӣ, ки барои ҳалли мушкилоти мушаххас дар соҳаи фаъолияти касбӣ ва таҳсил зарур мебошанд. Қобилияти идоракунии донишҳо дар фаъолияти амалии касбӣ ва таҳсил | Маҷмуи маҳорат ва малакаҳои фаъолияти дарккунӣ дар соҳаи касбӣ. Доштани малакаҳои ҳадафгузорӣ, банақшагирӣ, таҳлилӣ, усулҳои амал дар вазъиятҳои ғайристандартӣ тариқи эҷодкорӣ ҳал намудани мушкилот. Доштани салоҳияти коммуникативию иттилоотӣ. Доштани сифатҳои инсонии шахсият дар маҷмуъ бо низоми донишҳо, малакаҳо, маҳоратҳо оид ба ҳалли вазифаҳои муайяни | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо таҷрибаи амалӣ на камтар аз 3 сол. Дар мавриди доштани таҳсилоти касбии сатҳи баландтар (таҳсилоти касбии иловагӣ) - бе таҷрибаи амалӣ |



| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | касбӣ ва ҳаётӣ | |
| 5 | Дипломи таҳсилоти миёнаи касбӣ | Донишҳои касбие, ки дар раванди таҳсилоти касбӣ ва таҷрибаи амалии касбӣ, ба даст омадаанд. Ҷустуҷӯи мустақилонаи маълумот, ки барои ҳалли вазифаҳои гузошташудаи касбӣ зарур мебошанд | Ҳалли вазифаҳои амалӣ дар асоси интихоби роҳҳои ҳал ва дар шароити гуногуни меҳнатӣ. Назорати ҷорӣ ва умумӣ, баҳодиҳӣ ва тағйири фаъолият. Масъулият барои иҷрои корҳо дар сатҳи зерсохтор | Фаъолияти мустақилона. Вазифагузорӣ дар доираи зерсохтор. Иштирок дар идоракунии иҷрои вазифаҳо дар доираи зерсохтор | Таҳсилоти миёнаи касбӣ, таҷрибаи амалӣ ва ё на кам аз 2 соли таҳсил дар бакалавриат ё 3 сол аз худ намудани барномаҳои махсуси таҳсилоти олӣ бе таҷрибаи амалӣ |
| 6 | Дипломи таҳсилоти миёнаи касбӣ, дипломи бакалавр, | Донишҳои касбие, ки дар раванди таҳсилоти касбӣ ва таҷрибаи амалии касбӣ ба даст омадаанд. Ҷустуҷӯ, таҳлил ва баҳодиҳии мустақилонаи маълумоти касбӣ | Ҳалли вазифаҳои хусусияти технологӣ ё методидошта, ки интихоб ва гуногунии роҳҳои ҳалро пешбинӣ менамоянд. Таҳия, ҷорисозӣ, назорат, баҳодиҳӣ ва ислоҳи қисматҳои фаъолияти касбӣ. | Фаъолияти мустақилонаи касбӣ, ки ҳадафгузории кори шахсӣ ва ё кормандони тобеъро пешбинӣ менамояд. Таъмини ҳамкории мутақобилаи кормандон ва зерсохторҳои ба ҳам алоқаманд. | Бакалавриат, спетсиалитет ва ё баъзе касбҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва таҷрибаи амалӣ на камтар аз 3 сол |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Синтези дониш ва таҷрибаҳои касбӣ (аз ҷумла инноватсионӣ) | Масъулият барои натиҷаҳои кор дар сатҳи зерсохтор ё ташкилот | |
| 7 | Дипломи бакалавр, дипломи магистр | Синтези донишҳои касбӣ ва таҷриба. Тавлиди донишҳои нав дар соҳаи муайян ва ё дар байни соҳаҳо. Муайян наму-дани манбаъ ва ҷустуҷӯи маълумоте, ки барои рушди фаъолият зарур мебошад | Ҳалли вазифаҳои рушд, таҳияи муносибатҳои нав, истифодаи усулҳои гуногун (аз ҷумла инноватсионӣ). Идоракунии ташкилот ва зерсохторҳои он | Муайянсозии стратегия, идоракунии равандҳо ва фаъолият (аз ҷумла инноватсионӣ) бо қабули қарор дар сатҳи сохторҳои бузурги институтсионалӣ ва зерсохтори онҳо | Магистратура (дар асоси барномаи омӯхташудаи бакалавр), бе таҷрибаи амалӣ ё бакалавриат ва таҳсилоти касбии иловагӣ бо таҷрибаи амалӣ на камтар аз 3 сол |
| 8 | Дипломи магистр, дипломи номзади илм | Синтези донишҳои нави дорои хусусияти байнифаннӣ (аз ҷумла инноватсио-нӣ) | Ҳалли мушкилоти дорои хусусияти тадқиқотӣ ва лоиҳавӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии равандҳои идорашаванда алоқаманд мебошанд | Муайян намудани стратегия, идоракунии равандҳо ва фаъолиятҳо (аз ҷумла инноватсионӣ) бо қабули қарор ва масъулият дар сатҳи ташкилот ва ё сохторҳои бузурги институтсионалӣ | Унвони номзади илм тибқи ихтисос ва ё магистратура ва таҷрибаи амалӣ мувофиқи ихтисос на камтар аз се сол, инчунин таҷрибаи кории роҳбарӣ дар ташкилот |



| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 9 | Дипломи магистр, дипломи номзади илм, дипломи доктори илм | Синтези донишҳои нави дорои хусусияти байнифаннӣ, байнисоҳавӣ ва инноватсионӣ. Баҳодиҳӣ ва интихоби маълумот, ки барои рушди фаъолият зарур аст. Идоракунии моҳияти ҷараёнҳои иттилоотӣ | Ҳалли мушкилоти дорои хусусияти методологӣ, тадқиқотӣ ва лоиҳавӣ, ки бо рушд ва баланд бардоштани самаранокии равандҳои мураккаби иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва илмӣ алоқаманд мебошанд | Муайян намудани стратегия, идоракунии равандҳои мураккаби иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва илмӣ. Масъулият барои натиҷа дар сатҳи соҳа, давлат ва сатҳи байналмилалӣ | Доктори илм ва ё номзади илм, ё магистратура ва таҷрибаи амалӣ мувофиқи ихтисос на камтар аз 5 сол, инчунин таҷрибаи идоракунии соҳавӣ ва дар сатҳи байнисоҳавӣ |

Эзоҳ:

1. Таснифоти миллии тахассусҳо (минбаъд – ТМТ) бо мақсади муайян намудани унсурҳои дохилӣ ва байналмилалии бозори меҳнат таҳия шудааст.

2. ТМТ имконият медиҳад, ки натиҷаҳои таҳсилоти касбӣ таҳлил, бо ҳамдигар муқоиса ва таносуб гардида, муносибат байни ҳамаи намудҳои ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот ва омӯзиш муқаррар карда шаванд.

3. Дар ТМТ мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- салоҳият – қобилияти истифодаи дониш, малака, маҳорат ва муносибат барои иҷрои супоришҳо ва ҳалли вазифаҳои касбӣ дар вазъияти стандартӣ ё тағйирёбанда;

- тахассус – камолоти касбии шахс ва дараҷаи омодагии он барои иҷрои намудҳои корҳои мушаххас, ки бо мавҷудияти салоҳиятҳои аз ҷониби корфармоён эътирофшуда муайян гардида, бо ҳуҷҷати намунаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

4. ТМТ аз нуҳ сатҳи тахассусӣ иборат мебошад, ки робитаҳои байнисоҳавии тахассусӣ ва супоридани ҳуҷҷати намунаи давлатиро оид ба соҳиб шудани касб дар бар мегирад. Сатҳҳои тахассусӣ имкон медиҳанд, ки пайдарпайи байни таҳсилот (умумӣ ва касбӣ) ва таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ, инчунин байни соҳаҳои гуногуни касбӣ таъмин карда шавад.

5. Барои амалисозии ТМТ механизмҳои таъмини сифат ва махсусан воситаҳои зарурӣ барои баҳодиҳӣ ва тасдиқи салоҳият, ки ҳам барои

гирифтани тахассус ва ҳам барои муайянсозии сатҳи донишҳои аввала зарур мебошанд, таъсис дода мешаванд.

6. Додани тахассуси сатҳи муайян маънои эътирофи расмии арзиши салоҳиятҳои азхудшударо барои бозори меҳнат ва таҳсилоту омӯзиши минбаъда дорад.

7. Шакли роҳҳои ноилшавӣ ба сатҳи тахассусӣ, ки ба омӯзиш, таҳсилот, таҷрибаи амалии корӣ вобастагӣ дорад, дар нишондиҳандаи «Талабот ба таҳсилот» оварда шудааст.

8. Тахассусҳо ва салоҳиятҳо натиҷаи азхудкунии барномаи таълимии муайян аз ҷониби шахс дар доираи таҳсилоти расмӣ, ғайрирасмӣ ё таҷрибаи амалӣ мебошад.

9. Нишондиҳандаи «Донишҳо» талаботро ба донишҳои дар фаъолияти касбӣ истифодашаванда, ки аз ҳаҷм ва мураккабии маълумоти истифодашаванда ва навоварии донишҳои истифодашаванда вобаста мебошанд, муайян менамояд.

10. Нишондиҳандаи «Маҳорат ва малакаҳо» талаботро ба маҳорат ва малакаҳо муайян намуда, аз як қатор хусусиятҳои зерини фаъолияти касбӣ вобаста мебошад:

- роҳҳои ҳалли вазифаҳои касбӣ;
- зарурати интихоб ё коркарди ин роҳҳо;
- дараҷаи номуайянии вазъияти корӣ ва пешгӯинашаванда будани рушди он.

11. Маҷмуи донишҳо, маҳорат ва малакаҳо салоҳиятҳои касбии шахсро муайян мекунанд, ки барои иҷрои супоришҳо ва ҳалли вазифаҳои касбӣ дар вазъиятҳои стандартӣ ва тағйирёбанда зарур мебошанд;

12. Нишондиҳандаи «Масъулият ва мустақилият» ваколат, дараҷаи фаъолияти мустақилона ва масъулиятро барои иҷрои кор муайян менамояд.

13. Масъулият ва мустақилият, маҷмуи дониш, малака ва унсурҳои таҷрибаи фарҳангӣ салоҳиятҳои умумифарҳангиро муайян мекунанд, ки ба шахс имкон медиҳанд дар муҳити иҷтимоию иқтисодӣ бо истифода аз ин унсурҳо мавқеи худро озодона муайян кунад ва муносибати шахсро барои иҷрои вазифаҳои касбӣ ташаккул диҳанд;

14. Нишондиҳандаи «Талабот ба доштани таҳсилот» гирифтани сатҳи муайяни тахассусро дар ҷойи кор ва гузариш аз як сатҳ ба сатҳи дигарро муайян менамояд. Ин маълумот ба корфармо ва корманд имкон медиҳад муайян намояд, ки корманди дараҷаи мушаххаси тахассусӣ чӣ гуна сатҳи таҳсилот бояд дошта бошад.

15. Нишондиҳандаи «Ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот» муайян менамояд, ки пас аз азхуд намудани натиҷаҳои дахлдори таҳсилот кадом намуди ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот дода мешавад, ки барои гирифтани дараҷаи тахассусии муайян лозим аст.



Путин (43)

Приложение
к постановлению Правительства
Республики Таджикистан
от «25» октября 2022 года, № 511

**Национальный классификатор квалификаций**

| Уровень квалификации | Документ об образовании и учёной степени | Результаты обучения | | | Требования к образованию |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Знания | Умения и навыки | Ответственность и автономность | |
| 1 | Аттестат об основном или общем среднем образовании, Свидетельство уровня 1 | Общие базовые знания, включая знания о труде и трудовом процессе | Выполнение простых задач в известной среде, изменение деятельности в зависимости от трудовой ситуации | Персональная ответственность при выполнении простых задач. Способность работать в качестве помощника или простого рабочего под руководством | Основное или общее среднее образование, инструктаж на рабочем месте, краткосрочное обучение на рабочем месте и или краткосрочные курсы на базе учебного заведения, валидация профессиональных компетенций |
| 2 | Свидетельство уровня 2 | Фактические, теоретические и практические базовые знания, полученные при профессиональной подготовке | Теоретические и практические базовые умения и навыки для выполнения задач и решение проблем с применением простых | Работа и изучение под руководством с малой долей самостоятельности и ответственности | Практический опыт и или профессиональная подготовка (краткосрочные курсы на базе учебного заведения или обучение на предприя- |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | и самостоятельно. Знания об источниках информации, необходимых для профессиональной деятельности | правил, инструментов и информации. Выбор вида деятельности по инструкциям | | тии), валидация профессиональных компетенций |
| 3 | Свидетельство уровня 3, диплом начального профессионального образования | Специальные теоретические и практические знания, факты, принципы и общие концепции в профессиональной деятельности и в учёбе | Комплексные умения, когнитивные и практические навыки для выполнения задач и решения профессиональных проблем с применением основных методов, материалов и информации | Принятие на себя ответственности при выполнении задач в трудовой деятельности и обучении. Адаптирование своего поведения к существующей ситуации при решении задач. Самостоятельное выполнение профессиональных заданий с использованием источников современных знаний. Умение работать в команде | Практический опыт и профессиональная подготовка (курсы на основе учебных заведений согласно программам профессиональной подготовки до одного года или обучении на предприятии). Начальное профессиональное образование без практического опыта |
| 4 | Диплом начального профессионального образования | Практические и теоретические знания в широком контексте в области профессиональной | Когнитивные навыки (способность находить и перерабатывать информацию) и практические навыки, умения, | Совокупность умений и навыков познавательной деятельности в профессиональной области. Владение навыками постановки целей, планирования, | Начальное профессиональное образование с опытом работы не менее 3 лет. При наличии профессионального |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | деятельности и учёбы | требующиеся для решения конкретных проблем в области профессиональной работы и учёбы. Способность управления знаниями в практической профессиональной деятельности и учёбе | анализа, приёмами действий в нестандартных ситуациях с креативными методами решения проблем. Владение информационной коммуникативной компетенцией. Наличие человеческих качеств личности в совокупности с системой знаний, умений, навыков по решению определённых профессиональных и жизненных задач | образования повышенного уровня (дополнительное профессиональное образование) - без практического опыта |
| 5 | Диплом среднего профессионального образования | Профессиональные знания, полученные в процессе профессионального обучения и практического профессионального опыта. Самостоятельный поиск информации, необходимой для решения поставленных профессио- | Решение практических задач на основе выбора способов решения и в различных условиях труда. Текущий и итоговый контроль, оценка и коррекция деятельности. Ответственность за исполнение работ на уровне подразделения | Самостоятельная деятельность. Постановка задач в рамках подразделения. Участие в управлении выполнением задач в рамках подразделения | Среднее профессиональное образование, практический опыт, и/или не менее 2 лет обучения в бакалавриате или 3 года изучения специальных программ высшего образования, без практического опыта |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | нальных задач | | | |
| 6 | Диплом среднего профессионального образования, диплом бакалавра | Профессиональные знания, полученные в процессе профессионального обучения и практического профессионального опыта. Поиск, анализ и самостоятельная оценка профессиональной информации | Решение задач технологического или методического характера, предполагающих выбор и многообразие способов решения. Разработка, внедрение, контроль, оценка и коррекция компонентов профессиональной деятельности. Синтез профессиональных знаний и опыта (в том числе, инновационных) | Самостоятельная профессиональная деятельность, предполагающая постановку целей собственной работы и или подчиненных работников. Обеспечение взаимодействия сотрудников и смежных подразделений. Ответственность за результат выполнения работ на уровне подразделения или организации | Бакалавриат, специалитет и/ или некоторые профессии среднего профессионального образования и практический опыт не менее 3 лет |
| 7 | Диплом бакалавра, диплом магистра | Синтез профессиональных знаний и опыта. Создание новых знаний в определенной области и/или на стыке областей. Определение источников и поиск информации, необходимой для развития деятельности | Решение задач развития, разработка новых подходов, использования разнообразных методов (в том числе инновационных). Управление организацией и его подразделением | Определение стратегии, управление процессами и деятельностью (в том числе инновационной) с принятием решения на уровне крупных институциональных структур и их подразделений | Магистратура (на основе изученной программы бакалавра), без практического опыта или бакалавриат и дополнительное профессиональное образование с практическим опытом не менее 3 лет |
| 8 | Диплом магистра, диплом кандидата наук | Синтез новых знаний междисциплинарного характера (в том числе инновационных) | Решение проблем исследовательского и проектного характера, связанных с повышением эффективности управляемых процессов | Определение стратегии, управление процессами и деятельностью (в том числе инновационной) с принятием решения и ответственности на уровне организации и/или крупных институциональных структур | Степень кандидата наук согласно профессии, и или магистратура и практический опыт по профессии не менее трех лет, а также опыт руководящей работы в организации |
| 9 | Диплом магистра, диплом кандидата наук, диплом доктора наук | Синтез новых знаний междисциплинарного, межотраслевого и инновационного характера. Оценка и отбор информации, необходимой для развития деятельности. Управление содержанием информационных потоков | Решение проблем методологического, исследовательского и проектного характера, связанных с развитием и повышением эффективности сложных социальных, производственных и научных процессов | Определение стратегии, управление сложными социальными, производственными и научными процессами. Ответственность за результат в масштабе отрасли, страны, на международном уровне | Доктор наук и или кандидат наук, или магистратура и практический опыт по профессии не менее 5 лет, а также опыт управления отраслью и на межотраслевом уровне |

Примечание:

1. Национальный классификатор квалификаций (далее – НКК) разработан с целью определения внутренних и международных компонентов рынка труда.

2. НКК позволяет измерять, сопоставлять и соотносить друг с другом все результаты профессионального обучения и устанавливает отношения между всеми видами документов об образовании и обучении.

3. В НКК используются следующие основные понятия:

- компетенция – способность использовать знания, умения, навыки и отношение для выполнения поручений или решения профессиональных задач в стандартной или изменяющейся ситуации;

- квалификация – профессиональная зрелость личности и степень его готовности для выполнения определенных видов работ, которая определяется наличием компетенций, признанных работодателями, и подтверждается документом государственного образца.

4. НКК состоит из девяти квалификационных уровней, охватывающих межотраслевые квалификационные связи и вручение документа государственного образца о приобретении профессии. Квалификационные уровни позволяют обеспечить преемственность между уровнями образования (общим и профессиональным), формальным и неформальным образованием, а также между различными профессиональными областями.

5. Для применения НКК будут созданы механизмы обеспечения качества, в особенности, инструменты для оценки и подтверждения компетенций, необходимых как для получения данной квалификации, так и для определения исходного уровня обучения.

6. Присвоение определенного уровня квалификации означает официальное признание ценности освоенных компетенций для рынка труда и дальнейшего образования, и обучения.

7. Пути достижения уровня квалификации, связанные с обучением, образованием, практическим опытом работы, представлены в показателе «Требования к образованию».

8. Квалификации и компетенции являются результатом освоения человеком определенной образовательной программы в рамках формального или неформального образования или практического опыта.

9. Показатель «Знания» определяет требования к знаниям, используемых в профессиональной деятельности, зависящим от объёма и сложности используемой информации и инновационности применяемых знаний.

10. Показатель «Умения и навыки» определяет требования к умениям, навыкам и зависит от ряда особенностей профессиональной деятельности таких как:

- способов решения профессиональных задач;
- необходимости выбора или разработки этих способов;
- степени неопределённости рабочей ситуации и непредсказуемости её развития.

11. Совокупность знаний, умений и навыков определяют профессиональные компетенции лица, необходимых для выполнения поручений или решения профессиональных задач в стандартной или изменяющейся ситуациях;

12. Показатель «Ответственность и автономность» определяет полномочия, степень самостоятельной деятельности и ответственности за выполнение задач.

13. Ответственность и автономность, совокупность знаний, навыков и элементы культурного опыта определяют общекультурные компетенции, позволяющих лицу с использованием этих элементов свободно определить свою позицию в социально-экономической среде и сформировать отношение лица к выполнению профессиональных задач;

14. Показатель «Требования к наличию образования» определяет получение определённого уровня квалификации на работе и переход с одного уровня на другой уровень. Эта информация позволяет работодателям и работнику определить какое образование должен иметь работник определенной квалификации.

15. Показатель «Документ об образовании» определяет какой документ об образовании присуждается после преобретения соответствующих результатов обучения, необходимый для получения определенного уровня квалификации.

[43]